# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар мавзуи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ пешниҳод шудааст)**

Дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ яке аз пурҷило ва дурахшонтарин чеҳраҳои адабу ирфони асрҳои XI-XII адибе бо номи Аҳмади Ҷом, маъруф ба Жандапил, ки дар ҷомеаи имрӯзаи мо ба фаромӯшӣ рафта буд, вале то ба ҳол фурӯғи он кам нашудааст, баръакс, бо муқтазои ниёзмандиҳои маънавию эстетикии ҷомеаи имрӯза бештар ба он таваҷҷуҳ дорад, шиносонида мешавад. Аҳмади Ҷом аз ҷумлаи орифони соҳибмашрабу суханварони соҳибмактаб ва донишманди тавонманд дар офаридани осори манзуму мансур шинохта шудааст.

Рисолаи номзадии Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз ба яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи адабиётшиносӣ таҳқиқи назарии хусусиятҳои асосии осори насрии Аҳмади Ҷом, ба мисли «Анис-ут-тоибин», «Равзат-ул-музнибин», «Сироҷ-ус-соирин», «Мифтоҳ-ун-наҷот», «Кунуз-ул-ҳикмат», «Биҳор-ул-ҳақиқат», «Рисолаи Самарқандия» дар таҳаввули насри форсии тоҷикӣ дар асрҳои XI-XII, бахусус, насри сӯфиёна ва ирфонӣ, нақши назаррас гузоштааст. Ин осор аз нигоҳи мазмуну мундариҷа, сохту таркиб, фарогирии мавзуъҳои адабӣ, ирфонӣ, таърихӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва бархӯрдор аз хусусиятҳои боризи филологӣ, ба монанди сабки наср, шеваи баёну гуфтор, корбурди ашъор, истифодаи ахбору осор, баёни нақлу ривоёти дилнишин, тарҷумаи мутун, зикри истилоҳоту таъбироти сӯфия ва шарҳу тавзеҳи онҳо, маърифати сарчашмаҳои фикрии суханварон аз манобеи хеле пурборӯ омӯхтанӣ ва шоистаи таҳқиқоти ҷудогона мебошад, ки то ба имрӯз дар қолаби рисолаи ҷудогонаи илмӣ шарҳу баррасӣ ва муайян нагардидааст, бахшида шудааст.

Аҳамияти назарии рисолаи мазкур дар он зоҳир меёбад, ки дар фишурдаи диссертатсия бори аввал таҳқиқи масъалаҳои рӯзгоршиносии Аҳмади Ҷом бар асоси матнҳои куҳан, насри ирфонӣ дар аҳди Аҳмади Ҷом ва хусусиятҳои мавзуию сохтории онҳо, нусхашиносӣ ва баррасии таркибу мундариҷаи мероси мансури Аҳмади Ҷом, таҳқиқи сабки наср, тавзеҳи мафоҳими аҳли тасаввуф ва табйини маониву румузи онҳо, таҳқиқи вежагиҳои матншиносии осори Аҳмади Ҷом ба таври мукаммал мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Аз фишурдаи диссертатсия бар меояд, ки мавзуъҳои дар меҳвари таҳқиқ қарордошта дорои аҳамияти назариву амалӣ буда, дар таҳқиқи хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик пешниҳод мегардад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки ҳарчанд аз ҷониби муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ паҳлуҳои гуногуни рӯзгору осори Аҳмади Ҷом таҳқиқ ёфтаннд, аз мухтавои фишурдаи диссертатсия бар меояд, ки дар ҳеҷ яке аз онҳо масъалаҳои таҳқиқгардида, ба таври хоса ва амиқ баррасӣ наёфтааст. Аз ин рӯ, баррасии хусусиятҳои матншиносиву поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом дар адабиётшиносии тоҷик мавзуи тоза ва муҳим мебошад.

Дар фишурдаи диссертатсия дар заминаи мисолҳои фаровон мӯшикофона хусусиятҳои матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом, бо таваҷҷуҳ ба масъалаҳои нусхашиносӣ, баррасии сохторию мундариҷавӣ, корбурди ашъору тавзеҳи усулҳои баҳрабарӣ аз он, сабки насру шеваи баён, шарҳи истилоҳоти назарии сӯфия, пажуҳиши мутуни хаттию чопии мероси мансури ин донишмандро бо як ҷаззобият мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор дода шудааст, ки як кори бисёр муфассал ва анҷомёфта ҳисобида мешавад.

Дар таҳлил ва баррасии масъалаҳо як низоми муайян ба назар мерасад. Муаллиф ҳар як андеша ва нуктаҳои муҳимми илмии хешро бо мисолҳои мушаххас асоснок намуда, ҳар як фасл ва боби диссертатсияро ҷамъбаст менамояд.

Хулосаҳои баровардаи дисссертант, ки тибқи талаботи меъёрҳои муқарраршуда ҳамчун натиҷаҳои асосии илмӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии дастовардҳо омадааст, шомилу ҳомили ҷустуҷӯҳои саҳеҳу амиқи муҳаққиқ мебошанд. Муаллиф хулосаву бардоштҳои асосияшро дар иртибот ба ҳар бобу фаслҳои диссертатсия иброз намуда, ҳосили ҷустуҷӯҳояшро ба таври мушаххас баён доштааст.

Автореферати Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз бо забону сабки илмӣ, шеваи махсуси нигорандагӣ, таҳлилу муҳокимаҳои амиқ ва бо риояву бозтоби истиқлоли фикр навишта шуда, корбурди огоҳонаву бамавриди сарчашмаҳои боэътимоди илмиву адабӣ аз зуҳури пажуҳиши тоза дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ мужда медиҳанд.

Муҳаққиқи ҷавон кӯшидааст, ки дар фишурдаи диссертатсияи номзадии хеш дар мисоли маводи фаровони аслӣ масъалаи мавриди назарро баррасӣ намуда, як сухани нав, хулосаҳои муҳимми илмиро ба даст овардааст, ки дар бораи васеъ будани доираи мутолиа ва омӯзиши диссертант шаҳодат медиҳад.

Хулосаву натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқотро муҳаққиқ дар бандҳои мушаххас ҷамъбаст намудааст, ки вобаста ба бобу фаслҳои дахлдори рисола 16 банд ва қисмати тавсиявии он 6 банди мушаххасро ташкил додааст.

Фишурдаи диссертатсияи Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар асоси матни таҳқиқот, аз рӯйи талаботи муқарраргардида бо забони меъёрии илмӣ навишта шуда, масъалагузориҳо, далеловариҳо, муҳокимарониҳо, тарзи нигориш, таҳлилҳо ва натиҷагириҳояш аз таҳқиқи мавзуъ саҳеҳу қобили қабуланд.

Фишурда аз нигоҳи мазмуну мундариҷа бо мақолаҳои интишорнамудаи муҳаққиқ муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ ифода мекунанд. Дар маҷмуъ, таълифоти илмии Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар мавзуи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом», ки дар шакли гузориш, мақола, диссертатсия ва фишурдаи он манзур шудааст, бо навгониҳои худ ва бартариҳои зиёдаш иқдоми муҳимму саривақтист, зеро дар шинохту баррасии хусусиятҳои матншиносиву поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом дар адабиётшиносии тоҷик мавзуи тоза мебошад.

Новобаста аз дастовардҳову бартариҳо дар фишурдаи диссертатсия баъзе камбудиҳо ва заъфу норасоиҳо аён гаштанд, ки баёни онҳоро барои кори ояндаи муҳаққиқ муҳим медонем:

1. Дар кор, вобаста ба имло, чигунагии корбурди аломатҳои китобат ва чоп, ҷо-ҷо хатоҳо низ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ҳусни корро бештар менамояд.
2. Аз муқаддима ва хулосаи кор бар меояд, ки муҳаққиқ паҳлуҳои муҳимми хусусиятҳои матншиносиву поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷомро мавриди пажуҳиши хеш қарор додааст. Агар дар фишурдаи диссертатсия аз таҳқиқотҳои кардаи хеш мисолҳо зиёдтар меовард, ба ҳусни кор як зебогии дигар зам мешуд.
3. Хуб мешуд, ки фарқиятҳои насри ирфонии Аҳмади Ҷомро аз дигар намояндагони давр бо хусусиятҳои фарқкунандааш дар фасл ё зерфасле мушаххас ошкор месохт.

Вале бояд зикр кард, ки эродҳои мазкур дар қиёс бо муваффақиятҳои кор, аҳаммияти дувумдараҷа доранд ва бар муҳтаво ва мундариҷаи кор халали ҷиддӣ ворид намесозанд; муаллиф метавонад онҳоро баъдан, зимни таҳияи монографияҳои хеш ба эътибор бигирад. Муваффақиятҳову дастовардҳои кор нисбат ба эродҳои амсоли боло ба маротиб зиёданд, зеро он чи дар боло зикр гардид, асосан, ба сурати пешниҳод манзур гардидаанд.

Бинобар ин, кори таҳқиқии Мирзоҳофизиён Меҳрафкан Мирзоҳофиз дар мавзуи «Таҳқиқи матншиносӣ ва поэтикии осори насрии Аҳмади Ҷом» ба талаботи бандҳои 31- 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ сазовор мебошад.

Номзади илми филологӣ,
мудири кафедраи забон ва адабиёти
тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара Абдулманнонзода М.А.

Нишонӣ: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ, 15
Тел: (+992) 985297474
E-mail:abdulmanonzoda@mail.ru

Имзои Абдулманнонзода М.А.-ро
тасдиқ мекунам, сардори шуъбаи
кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Асадуллоева Д.

ШУЪБАИ КАДРҲО

Нишонӣ: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25
Тел: (+992) 987541100
E-mail:ddd@mail.ru

«25» «05» 2023.